Бинавис, савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, аз ин ҷуз ҳақиқат чизе намебарояд

Аз Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳумо) ривоят аст, ки гуфт: Ҳар он чиро, ки аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мешунидам, менавистам, мехостам онро ҳифз кунам. Аммо Қурайш манро аз ин кор манъ карданд ва гуфтанд: Оё ҳар чизеро, ки аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мешунавӣ, менависӣ, дар ҳоле ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) башар аст, ки дар хашм ва хушнудӣ сухан мегӯяд? Пас, даст аз навиштан бардоштам ва онро ба Паёмбари Худо (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бозгӯ кардам. Он ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо ангушташон ба даҳонашон ишора карданд ва гуфтанд: "Бинавис, савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, аз ин ҷуз ҳақиқат чизе намебарояд."

[Саҳеҳ] [رواه أبو داود]

Абдуллоҳ ибни Амр (разияллоҳу анҳумо) мегӯяд: Ҳар он чи аз Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мешунидам, менавистам, то онро бо навистанам ҳифз кунам. Аммо мардоне аз Қурайш манро аз ин кор манъ намуданд ва гуфтанд, ки Расули Аллоҳ (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) инсон аст ва дар ҳолати ғазабу хушнуди сухан мегӯяд ва шояд хато кунад, пас аз навистан даст кашидам. Сипас он чи гуфта буданд ба Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) гуфтам. Он ҳазрат (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) бо ангушташон ба даҳонашон ишора карда ва фармуданд: Бинавис, савганд ба зоте, ки ҷонам дар дасти Ӯст, аз ин ҷуз ҳақиқат чизе берун намеояд, чи дар ҳоли хушнудӣ ва чи дар ҳоли хашму ғазаб. Ва Аллоҳ Таъоло дар бораи Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) мефармояд: (Ва аз рӯйи ҳавои нафс сухан намегӯяд * [Ин Қуръон] Ваҳй [-и илоҳӣ] аст, ки [ба ӯ] илқо мешавад. Ин [Қуръон] ҷуз панд барои ҷаҳониён [инсон ва ҷин] нест) (Сураи Наҷм, оятҳои 3-4).

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/65077